**Нормативно-правовые акты высшего профессионального образования, принятые МОН РТ от 29.08.2022 №12/4**

# ҚАРОРИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «29» августи соли 2022 №12/4 ш.Душанбе

Оид ба тасдиқи
санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ

Ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломиро оид ба тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбии зерин тасдиқ карда шаванд:

Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикситон (замимаи 1);

Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 2);

Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 3);

Низомнома дар бораи рисолаи хатми донишҷӯёни дараҷаи бакалавр ва мутахассиси муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 4);

Дастурамал оид ба тартиби истифодаи журнали гурӯҳ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 5);

Дастурамал оид ба иҷрои корҳои назоратии донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти фосилавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 6);

Дастурамал оид ба тартиби амалишавии таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат (замимаи 7).

2. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Мирзозода Н.) нусхаи низомномаҳо ва дастурамалҳои мазкурро ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ дастрас намуда, рафти иҷрои онро назорат намояд.

3. Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ супорида шавад, ки иҷрои талаботи низомнома ва дастурамалҳои мазкурро дар муассисаи таълимӣ таъмин намоянд.

4. Қарорҳои зерини ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

-аз 29.08.2015, №21/3 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи аттестатсияи хатм»;

-аз 29.09.2017, №14/240 «Дар бораи Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-аз 30.03.2017, №3/13 «Дар бораи Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-аз 26 01.2018, №02/47 «Дар бораи Низомнома дар бораи рисолаи хатми донишҷӯёни дараҷаи бакалавр ва мутахассиси муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-аз 25.11.2011, №21/23 «Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби истифодаи журнали гурӯҳ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-аз 25.11.2011, №21/24 «Дар бораи Дастурамал оид ба иҷрои корҳои назоратии донишҷӯёни шуъбаи таҳсилоти фосилавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

5. Назорати рафти иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Л. Абдулхолиқзода гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара, вазир  Р Саидзод